# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ТАРТИБИ АТТЕСТАТСИЯИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ ОМӮЗГОРӢ ВА ИЛМИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 7 июни соли 2017 № 281 ш.Душанбе

Дар бораи Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд, аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи Тартиби мазкур ба роҳ монанд.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2006, № 122 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз аттестатсия гузаронидани кормандони идора ва шӯъбаҳои маориф, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, томактабӣ ва таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 7 » июни соли 2017,
№ 281 тасдиқ шудааст

Тартиби
аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии
муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Тартиб) дар асоси моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" таҳия гардида, тартиби гузаронидани аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла кормандони раёсатҳо ва шуъбаҳои маориф, роҳбарон, омӯзгорон, мураббиҳо ва дигар мутахассисони (минбаъд аттестатсияшаванда) муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ), таҳсилоти иловагӣ, таҳсилоти махсус, муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони ятиму бепарастор ва муассисаҳои дигаре, ки раванди таълиму тарбияи таҳсилоти миёнаи умумиро, сарфи назар аз шакли моликияташон, амалӣ мегардонанд (минбаъд - муассисаҳои таълимӣ), муқаррар менамояд.

2. Шартҳои асосии аттестатсия:

- воқеъбинона (ошкоро) гузаронидани аттестатсия;
- эҳтироми тарафайн (аттестатсияшаванда ва аъзои комиссия) ҳангоми гузаронидани аттестатсия;
- арзёбии воқеъбинона, баҳодиҳии дуруст ба фаъолияти аттестатсияшаванда;
- асоснокии хулоса ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ;
- таъсирбахшии натиҷаҳои аттестатсия

3. Мақсад ва вазифаҳои аттестатсия инҳо мебошанд:

- муайян намудани дараҷаи салоҳияти касбӣ ва мувофиқати аттестатсияшаванда ба вазифаи ишғолнамуда;
- муайян намудани зарурати гузариши аттестатсияшаванда аз такмили ихтисос;
- таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳаи маориф;
- ҳавасманд намудани омӯзгорон ва кормандони илмӣ барои баланд намудани сатҳи дониш ва дараҷаи тахассус;
- баланд бардоштани масъулияти шахсии аттестатсияшаванда барои беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия.

4. Аз аттестатсия гузаронидани хизматчиёни давлатии соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ба амал бароварда мешавад.

5. Аттестатсияи кормандони соҳаи маориф дар панҷ сол як маротиба гузаронида мешавад. Аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст, ки пеш аз муҳлати муқарраргардида гузаронидани Аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ

ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад, ки он ҳам тибқи ҳамин Тартиб гузаронида мешавад.

6. Роҳбарону омӯзгорон ва дигар мутахассисони муассисаҳои таълимӣ ҳуқуқ доранд, ки баъди ду соли аттестатсия, пеш аз муҳлати муқарраршуда, аз аттестатсия гузаранд. Пеш аз муҳлат гузаронидани аттестатсия дар асоси аризаи аттестатсияшаванда, пешниҳоди роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва иҷозати шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва барои кормандони соҳаи маорифи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иҷозати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

7. Дар сурати аз як муассисаи таълимӣ ба муассисаи дигари таълимӣ ба кор гузаштани корманди соҳаи маориф ё ба минтақаи дигари ҷумҳурӣ кӯчидан, дараҷаи тахассусӣ ва иловапулӣ ба музди меҳнати ӯ, ки қаблан дар ҷои кори пештара муайян шудааст, то аттестатсияи навбатӣ нигоҳ дошта мешавад ва ё бо розигии корманд пеш аз муҳлат аз аттестатсия гузаронида мешавад.

8. Занҳои дар рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, нигоҳубини кӯдакбуда, баъди як соли ба кор баромадан ё бо хоҳиши онҳо мутобиқи банди 7 Тартиби мазкур аз аттестатсия гузаронида мешаванд.

9. Мутахассисоне, ки дорои ихтисоси омӯзгорӣ нестанд, вале дар муассисаҳои таълимӣ ба касби омӯзгорӣ ҷалб карда шудаанд ва аз рӯйи фанни муайян (таълимӣ) собиқаи кории на камтар аз панҷ сол доранд ва инчунин нафароне, ки аз курси такмили ихтисос гузаштаанд, аз аттестатсияи навбатӣ мегузаранд.

10. Аттестатсияи мутахассисони ҷавон баъд аз се соли ба кор қабул шудан гузаронида мешавад.

## 2. КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНӢ

11. Барои ташкил ва гузаронидани аттестатсия комиссияҳои зерини аттестатсионӣ таъсис дода мешаванд:

- Комиссияи аттестатсионии муассисаи таълимӣ;
- Комиссияҳои аттестатсионии раёсатҳо ё шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо;
-Комиссияҳои аттестатсионии раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе;
- Комиссияҳои аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-Комиссияҳои аттестатсионии вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд.

12. Комиссияи аттестатсионии муассисаи таълимӣ бо фармоиши сардори раёсат ё мудири шуъбаи маорифи шаҳр ё ноҳия таъсис дода мешавад. Ба ҳайати комиссия раис (роҳбари муассиса ё муовини ӯ), котиб, аъзои комиссия: муовини директор, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, раиси иттифоқи касаба ва омӯзгорони соҳибтаҷриба, дар маҷмӯъ аз 5 то 7 нафар дохил мешаванд. Комиссияҳои аттестатсионии омӯзгорони муассисаҳои таълимие, ки дар сохтори Вилояти Мухтори Кӯҳистони

Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор қарор доранд, бо фармоиши роҳбари мақомоти дахлдор таъсис дода мешаванд. Дар кори комиссияи аттестатсионии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ намояндагони вазорат, раёсати маорифи вилоят ё шаҳр ва шуъбаҳои маорифи шаҳр ё ноҳияҳо иштирок менамоянд. Комиссияи мазкур танҳо омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимиро аз аттестатсияи навбатӣ гузаронида, ҳуҷҷатҳои заруриро барои баррасӣ ва тасдиқ ба комиссияи аттестатсионии мақомоти дахлдор (раёсат ё шуъбаи маорифи шаҳр ё ноҳия, раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, Вазорати маориф ва илм) пешниҳод менамояд. Комиссияи мазкур танҳо тахассуси дараҷаи дуюми омӯзгор ва мураббияҳоро бо қарор ё фармоиш тасдиқ менамояд. Аттестатсияи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии маҷмӯи нопурра, дар назди комиссияи аттестатсионии муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ё миёнаи умумӣ ташкил карда мешавад. Бо фармоиши сардор ё мудири раёсат ё шуъбаи маориф омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии мазкур барои аз аттестатсия гузаштан ба яке аз муассисаи таҳсилоти умумии ба онҳо наздик вобаста карда мешаванд.

13. Комиссияи аттестатсионии раёсат ва шуъбаи маорифи шаҳр ё ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе бо фармоиши сардори раёсати маорифи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва комиссияи аттестатсионии раёсат ва шуъбаи маорифи шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта ва муассисаҳои тобеи вазоратҳо бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раис, котиб, аъзои комиссия, дар маҷмӯъ аз 7 то 9 нафар таъсис дода мешавад. Комиссияи мазкур кормандони раёсат ё шуъбаи маорифи шаҳр ва ноҳияҳо, директорон, муовинони директори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, директорон ва муовинони директори мактаб-интернатҳои мақоми ноҳиявидошта, мудир ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, директор ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти иловагиро аз аттестатсияи навбатӣ гузаронида, ҳуҷҷатҳои заруриро барои тасдиқ ҷиҳати ба вазифаи директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернати мақоми ноҳиявидошта, таҳсилоти иловагӣ ва мудири муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва ба тахассуси дараҷаи олии тамоми омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф мувофиқ дониста шудан ба комиссияи аттестатсионии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе пешниҳод менамоянд. Комиссияи мазкур бо қарор ё фармоиш директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернати мақоми ноҳиявидошта, таҳсилоти иловагӣ, инчунин додани дараҷаи тахассуси якумро ба ҳама омӯзгорон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки аз ҷониби комиссияи аттестатсионии шаҳрӣ ё ноҳиявӣ пешниҳод шудаанд, тасдиқ менамояд. Комиссияҳои аттестатсионии раёсат ё шуъбаи маорифи шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, муассисаҳои таълимии мақоми ҷумҳуриявидошта ва муассисаҳои тобеи вазорат ҳуҷҷатҳои заруриро барои тасдиқ ҷиҳати ба вазифаи директори муассисаи таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернати мақоми ноҳиявидошта, таҳсилоти иловагӣ ва мудири муассисаи таҳсилоти

томактабӣ ва ба тахассуси дараҷаи олӣ мувофиқ дониста шудани тамоми омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифро ба комиссияи аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд, пешниҳод менамоянд. Дар кори комиссияи аттестатсионии раёсат ва шуъбаи маорифи шаҳр ё ноҳия намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе метавонад иштирок намояд.

14. Комиссияи аттестатсионии раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раис, муовини раис, котиб ва аъзои комиссия, дар маҷмӯъ аз 9 то 11 нафар таъсис дода мешавад. Комиссияи мазкур кормандони раёсати маорифи вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, директорон, муовинони директори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, директорон ва муовинони директори мактаб-интернатҳо, директорон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти иловагии мақоми вилоятӣ ё шаҳридошта ва муассисаҳои дигари мақоми вилоятӣ ё шаҳридоштаро аз аттестатсия гузаронида, ҳуҷҷатҳои зарурироро барои тасдиқ ҷиҳати ба вазифаи директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернатҳо, таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои дигари мақоми вилоятӣ ё шаҳридошта ва ба тахассуси дараҷаи олии омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф мувофиқ дониста шудан ба комиссияи аттестасионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Комиссияи мазкур бо қарор ё фармоиш, номзадҳои ба вазифаи директорони муассисаи таҳсилоти умумӣ, мактаб-интернати мақоми ноҳиявидошта, таҳсилоти иловагӣ ва мудири муассисаҳои таҳсилоти томактабии аз ҷониби раёсат ё шуъбаи маорифи шаҳр ё ноҳия пешниҳодшударо тасдиқ намуда, ба омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифи аз ҷониби раёсатҳо ё шуъбаи маориф пешниҳодшуда дараҷаи тахассуси олӣ медиҳад. Дар кори комиссияҳои мазкур намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамояд.

15. Комиссияи аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раис, муовин, котиб, аъзо, дар маҷмӯъ аз 9 то 11 нафар таъсис дода мешавад. Комиссияи мазкур роҳбарону омӯзгорон ва дигар мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, мактаб-интернатҳои мақоми ҷумҳуриявидоштаеро, ки дар сохтори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, аз аттестатсия мегузаронад ва бо қарор ё фармоиш тасдиқ мекунад. Комиссияи мазкур барои тамоми муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ҳамчун комиссияи апеллятсионӣ буда, арзу шикоятҳое, ки ба комиссияҳои аттестатсионии дар банди 11 номбаршуда ворид гардидаанд, тибқи муқаррароти муайяннамудаи Тартиби мазкур дида мебарояд ва қарори ниҳоӣ қабул менамояд.

16. Фаъолияти комиссияи аттестатсионӣ дар давоми 5 сол амалӣ гардида, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд ва мақомоти дахлдор, ки комиссияи аттестатсиониро таъсис додааст, дар

ҳолати зарурӣ бо фармоиши худ ба ҳайати комиссия, сарфи назар аз муҳлати ваколати он, тағйирот ворид менамоянд. Комиссия танҳо пас аз иваз гардидани роҳбари муассиса аз нав таъсис дода мешавад.

17. Дар назди комиссияи аттестатсионӣ гурӯҳҳои коршиносӣ (экспертӣ) ташкил кардан мумкин аст.

18. Комиссияи аттестатсионӣ ҳуқуқ дорад, ки воқеияти баҳои дар ҷадвали баҳодиҳии фаъолияти аттестатсияшавандаҳоро санҷида, дар дарсҳои ӯ иштирок намояд, аз рӯи саволномаҳо суҳбати санҷишӣ гузаронад, аз хонандагон кори хаттӣ гирад, дониши хонандагони синфҳоеро, ки аттестатсияшаванда дарс медиҳад, санҷад, фаъолияти ӯро чун роҳбари синф дар пешбурди коргузорӣ ва муносибати эҷодкорона баҳогузорӣ намояд.

## 3. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ АТТЕСТАТСИЯ

19. Аттестатсияи омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф дар асоси фармоиши роҳбари мақоми давлатӣ баргузор мегардад. Дар фармоиш таърихи рӯз ва тартиби гузаронидани аттестатсия нишон дода шуда, дар ин хусус мақоми ваколатдор ба таври хаттӣ хабардор карда мешавад.

20. Ҷадвали баргузории аттестатсия, саволҳо барои аттестатсияшавандагон аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ таҳия ва аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ карда шуда, на дертар аз ду ҳафта, пеш аз баргузории аттестатсия ба маълумоти аттестатсияшавандагон расонида мешавад.

21. Дар ҷадвал сана, вақт ва ҷойи гузаронидани аттестатсияи омӯзгорону кормандони муассиса нишон дода мешавад. Ба ҷадвали баргузории аттестатсия рӯйхати аттестатсияшавандагон замима карда мешавад.

22. Роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ барои ҳар як омӯзгор, ки аттестатсия карда мешавад, тавсифнома таҳия намуда, онро на дертар аз даҳ рӯз то баргузории аттестатсия ба комиссияи аттестатсионӣ пешниҳод менамоянд. Тавсифномаи дигар кормандон (равоншинос, корманди тиббии муассиса, мудири китобхона ва ғайраҳо), ки ба иттиҳодияи методӣ шомил нестанд, аз тарафи муовини директори муассиса ва тавсифномаи директори муассиса ва кормандони мақомоти идораи маориф аз тарафи сардори раёсат ё мудири шуъбаи маориф таҳия карда мешавад.

23. Дар тавсифнома (замимаи 1) масъалаҳои зерини фаъолияти корманд нишон дода мешаванд:

- сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти соҳаи маорифро ба танзим медароранд ва риояи онҳо;
- татбиқи донишу таҷриба дар вазифаи ишғолнамуда, қобилияти ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ (маърӯза дар конфронсу семинарҳо, мақолаҳои методӣ, иштироки шогирдон дар олимпиадаҳо);
- иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ;
- худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияи компютерӣ ва иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ;
- дигар хусусиятҳои хоси корманди соҳаи маориф (донистани забонҳои хориҷӣ, такмили ихтисос, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғайра).

24. Тавсифнома дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ва хулосаи роҳбар тартиб дода мешавад. Қисми иҷрои уҳдадориҳои вазифавии тавсифнома бо ҳисобот ва натиҷаи фаъолияти солонаи корманд асоснок карда мешавад.

25.Роҳбаре, ки тавсифномаи аттестатсияшавандаро пешниҳод намудааст, барои воқеияти он масъулияти шахсӣ дорад ва уҳдадор аст, ки ӯро бо тавсифнома шинос намояд.

26.Аттестатсияшаванда метавонад ба комиссияи аттестатсионӣ маълумоти иловагиро дар бораи фаъолияти касбиаш пешниҳод кунад. Ҳамзамон ӯ ҳуқуқ дорад, ки норозигии худро нисбати тавсифномаи ба ӯ додашуда ба комиссияи аттестатсионӣ пешниҳод карда, гузаронидани омӯзиши иловагии фаъолияти худро талаб намояд. Талаби ӯ аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ баррасӣ ва ҳал карда мешавад.

27. Аттестатсияи кормандон дар муассиса тибқи рӯйхати тасдиқшуда сурат мегирад.

## 4. БАРГУЗОРИИ АТТЕСТАТСИЯ

28. Аттестатсияи кормандони соҳаи маориф ҳар сол аз 1 октябр то 30 апрел вобаста ба муҳлати фарорасии аттестатсияи корманд (ба истиснои меъёр) гузаронида шуда, баъди тасдиқи дараҷаи тахассусӣ аз соли нави молиявӣ ба музди меҳнати корманд иловапулии муқарраршуда дода мешавад. Аттестатсия бо иштироки аттестатсияшаванда дар рӯзи пешбининамудаи ҷадвали баргузории аттестатсия дар соатҳои корӣ доир мегардад. Дар сурати ба аттестатсия бо сабабҳои узрнок (рухсатии меҳнатӣ, сафари хизматӣ, беморӣ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ) ҳозир нашудани аттестатсияшаванда ӯ тибқи ҷадвали иловагии баргузории аттестатсия аз аттестатсия мегузарад. Дар сурати такроран бе сабабҳои узрнок ба аттестатсия ҳозир нашудани аттестатсияшаванда ӯ аз аттестатсия нагузашта ҳисобида шуда, ба вазифаи ишғолнамуда ва ё дараҷаи тахассусӣ номувофиқ дониста мешавад.

29. Комиссияи аттестатсионӣ бо аттестатсияшаванда тибқи бандҳои тавсифномаи пешниҳодшуда дар шакли саволу ҷавоб суҳбат мегузаронад. Ҳар аъзои комиссияи аттестатсионӣ ҳуқуқ дорад ба аттестатсияшаванда савол диҳад ва дар асоси ҷавобҳои ба саволҳои худ ва ё ҷавобҳои ба саволҳои дигар аъзои комиссияи аттестатсионӣ додашуда ӯро баҳогузорӣ намояд. Саволҳои додашуда ва ҷавобҳои аттестатсияшаванда аз тарафи котиби комиссияи аттестатсионӣ дар варақаи аттестатсионӣ мухтасар қайд карда мешаванд.

30. Баҳоҳои аъзои комиссияи аттестатсионӣ аз "5"-аъло, "4"-хуб, "3"қаноатбахш, "2"-ғайриқаноатбахш иборат мебошад, ки дар ҷадвали баҳодиҳии фаъолияти корманди соҳаи маориф (замимаи 2) гузошта мешавад. Ҷадвали мазкур аз тарафи ҳар аъзои комиссияи аттестатсионӣ алоҳида тартиб дода шуда, имзо карда мешавад ва ба варақаи аттестатсионӣ замима мегардад.

31. Аз натиҷаи баҳои гузоштаи ҳар аъзои комиссияи аттестатсионӣ, баҳои умумии миёна муайян карда мешавад, ки он дар варақаи аттестатсионӣ нишон дода мешавад.

32. Баҳогузории фаъолияти аттестатсияшаванда, хулоса ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ бо роҳи овоздиҳии ошкоро бе иштироки аттестатсияшаванда анҷом дода мешавад.

33. Қарори (хулоса ва тавсияҳои) комиссияи аттестатсионӣ бо овоздиҳии аксари аъзои он қабул карда мешавад. Узви комиссияи аттестатсионӣ ҳангоми аттестатсияи худ дар баҳогузорӣ ва овоздиҳӣ иштирок намекунад.

34. Дар сурати баробарии овозҳои аъзои комиссияи аттестатсионӣ натиҷаи аттестатсия ба фоидаи аттестатсияшаванда ҳал карда мешавад.

35. Комиссияи аттестатсионӣ ба фаъолияти омӯзгор ва мураббӣ хулосаи зерин медиҳад:

- ба вазифаи ишғолнамудааш мувофиқат мекунад, дараҷаи тахассуси дуюм дода шавад;
- ба вазифаи ишғолнамудааш мувофиқат мекунад, дараҷаи тахассуси якум дода шавад;
- ба вазифаи ишғолнамудааш мувофиқат мекунад, дараҷаи тахассуси олӣ дода шавад;
- ба вазифаи ишғолнамудааш мувофиқат мекунад, дараҷаи қаблан тахассуси доштааш (дуюм) тасдиқ карда мешавад;
- ба вазифаи ишғолнамудааш мувофиқат мекунад, дараҷаи қаблан тахассуси доштааш (якум) тасдиқ карда мешавад;
- ба вазифаи ишғолнамудааш мувофиқат мекунад, дараҷаи қаблан тахассуси доштааш (олӣ) тасдиқ карда мешавад.

36. Комиссияи аттестатсионӣ ба фаъолияти мудири хоҷагӣ, муовинони роҳбари муассиса, роҳбари муассиса ва дигар кормандони муассиса хулосаи зерин медиҳад:

- ба вазифаи ишғолнамудааш мувофиқ дониста шавад;
- ба вазифаи ишғолнамудааш мувофиқ дониста нашавад.

37. Меъёри баҳодиҳӣ ба фаъолияти аттестатсияшаванда (омӯзгор ва мураббӣ) ҷиҳати ба мансаб мувофиқ будан ё набудан ва додани дараҷаҳои тахассусӣ чунин муқаррар мегардад:

- барои тахассуси дараҷаи олӣ - 23-25 хол;
- барои тахассуси дараҷаи якум - 20-22 хол;
- барои тахассуси дараҷаи дуюм - 15-19 хол;
- аз 10-14 хол аз аттестасия нагузашта ҳисобида мешавад.

38. Меъёри баҳодиҳӣ ба фаъолияти аттестатсияшаванда (мудири хоҷагӣ, муовинони роҳбари муассиса, роҳбарони муассиса ва дигар кормандони муассиса) ҷиҳати ба мансаб мувофиқ будан аз 15 то 25 хол муқаррар мегардад.

39. Дар сурати ба мансаби ишғолгардида номувофиқ донистани корманди соҳа, комиссияи аттестатсионӣ ба ӯ чунин тавсияҳо медиҳад:

- ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фиристода шуда, баъди хатми онҳо такроран аз аттестатсия гузаронида шавад;
- ба вазифаи пасттар гузаронида шавад (агар чунин вазифаҳои холӣ мавҷуд бошанд ва агар холӣ набошанд ба вазифаи пасттар ё дар сурати розӣ набудани корманд ӯ аз вазифаи ишғолкардааш озод карда мешавад).

40. Натиҷаҳои аттестатсия дар варақаи аттестатсионӣ (замимаи 3) қайд гардида, аз ҷониби аъзои комиссияи аттестатсионии дар овоздиҳӣ иштирокдошта имзо карда мешавад.

41. Аттестатсияшаванда аз натиҷаи аттестатсияи худ на дертар аз 3 рӯз баъд аз гузаштани аттестатсия хабардор карда мешавад. Аттестатсияшаванда бо варақаи аттестатсионӣ шинос шуда, ба он бо қайди "розӣ ҳастам" ё "розӣ нестам" имзо мегузорад. Қайди "розӣ нестам" бояд асоснок карда шавад.

42. Дар ҳолати аз имзои варақаи аттестатсионӣ саркашӣ намудани аттестатсияшаванда, варақаи аттестатсионӣ эътибори худро гум намекунад. Ҳолати саркашӣ намудан аз имзо дар варақаи аттестатсионӣ нишон дода мешавад.

43. Ҳуҷҷатҳои аттестатсионии аттестатсияшудагон тибқи талаботи бандҳои 12,13,14 ва 15 Тартиби мазкур барои тасдиқ пешниҳод карда мешаванд.

44. Комиссияи аттестатсионии мақоми дахлдор, ки дараҷаҳои тахассусӣ ва ба вазифа мувофиқ будан ё набуданро тасдиқ менамояд, ҳуқуқ дорад, ки хулоса ва тавсияи комиссияи аттестатсиониро асоснок карда, бекор намояд. Дар чунин ҳолат аттестатсияи такрории корманд бо иштироки намояндаи мақоми ваколатдор на дертар аз як моҳи баъди бекор намудани қарори комиссияи аттестатсионӣ гузаронида мешавад.

45. Корманди соҳа, ки ба такмили ихтисос ва бозомӯзӣ тавсия шудааст, баъд аз шаш моҳ такроран аз аттестатсия гузаронида мешавад. Дар сурати нагирифтани холҳои зарурӣ аттестатсияшаванда ба вазифа мувофиқ дониста нашуда, дар асоси хулосаи комиссияи аттестатсионӣ бо фармоиши роҳбари муассиса аз вазифаи ишғолкардааш озод карда мешавад.

46. Аттестатсияи такрорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Тартиб гузаронида мешавад.

47. Рафти аттестатсияи аттестатсияшаванда аз тарафи котиби комиссияи аттестатсионӣ дар протокол сабт карда шуда, бо имзои раис, котиб ва аъзои комиссияи аттестатсионӣ тасдиқ карда мешавад (замимаи 4).

48.Дар протокол вақт, ҷой, ҳайати комиссияи аттестатсионӣ, дигар шахсони дар аттестатсия иштироккунанда (роҳбари мақоми давлатӣ, намояндаи мақоми ваколатдор), насаб, ном, номи падар ва мансаби аттестатсияшаванда, баҳои умумии миёна, хулоса ва тавсияи комиссияи аттестатсионӣ нисбати ҳар як омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва сабабҳои дар аттестатсия иштирок накардани аттестатсияшаванда нишон дода мешавад. Сабабҳои дар аттестатсия иштирок накардани аттестатсияшаванда дар сутуни эзоҳи ҷадвали натиҷаи аттестатсия нишон дода мешавад. Омӯзгороне, ки дорои унвон ва дараҷаҳои илмӣ (номзади илм, дотсент, доктор, профессор) ҳастанд ва дар муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият менамоянд, ба категорияи олӣ муносиб дониста мешавад.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

49.Аттестатсияшаванда ҳуқуқ дорад аз қарорҳои қабулнамудаи комиссияи аттестатсионӣ ба роҳбари муассиса, мақоми болоӣ, мақоми ваколатдор ва суд дар муҳлати то як моҳ шикоят намояд. Аз болои қарори

комиссияи аттестатсионӣ шикоят намудани аттестатсияшаванда иҷрои қарори комиссияи аттестатсиониро боз намедорад.

50. Баҳсҳои вобаста ба гузаронидани аттестатсия аз ҷониби комиссияҳои апеллятсионӣ ё суд ҳал карда мешаванд.

51. Баъди гузаронидани аттестатсияи кормандон санади (фармон, қарор) мақоми давлатӣ қабул мегардад, ки дар он натиҷаҳои аттестатсия таҳлил карда шуда, чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани кор бо кадрҳо пешбинӣ карда мешаванд.

52. Натиҷаи гузаронидани аттестатсия ва ҳуҷҷатҳои аттестатсионӣ дар давоми 3 рӯзи баъди гузаронидани аттестатсия ба мақоми ваколатдор пешниҳод карда мешавад.

53. Баъди аз тарафи комиссия тасдиқ шудани дараҷаи тахассусии корманд дар дафтарчаи меҳнатии ӯ дар саҳифаи "МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КОР" қайди дахлдор карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои аттестатсионии корманд дар парвандаи шахсии ӯ нигоҳ дошта мешавад.

54. Мақоми ваколатдор ҳар сол дар моҳи июн оид ба натиҷаи аттестатсияи кормандони соҳаи маориф ба вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбор пешниҳод менамояд.

55. Вазорату идораҳое, ки муассиси муассисаҳои таълимӣ буда, дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд, тибқи Тартиби аттестатсияи омӯзгорон ва кормандони ихтисосҳои (фанҳои) тахассусии муассисаҳои таълимию (ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ) илмӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси онҳо дар вазорату идораҳои худ дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аттестатсия мегузаронанд.

56. Аттестатсияи кормандони илмии муассисаҳои таълимиро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ мекунад.

**Замимаи 1**

**Тавсифнома**
**ба корманди соҳаи маорифи аттестатсияшаванда**

Насаб, ном, номи падар________________________________________________________________
Вазифа________________________________________________________________
________________________________________________________________
Сана ва асоси таъин шудан ба вазифа________________________________
________________________________________________________________

1. Сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти соҳаи маорифро ба танзим медароранд ва риояи онҳо
________________________________________________________________
________________________________________________________________

2. Татбиқи донишу таҷриба дар вазифаи ишғолнамуда, қобилияти ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ (маърӯза дар конфронсу семинарҳо, мақолаҳои методӣ, иштироки шогирдон дар олимпиадаҳо)________________________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

3. Иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ (пуррагӣ ва сифатнокии натиҷаи кори корманд, дараҷаи интизомнокӣ)________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

4. Худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияи компютерӣ ва иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ________________________________________________
________________________________________________________________
________________________________________________________________

5. Дигар хусусиятҳои инфиродии корманд (донистани забонҳои хориҷӣ, такмили ихтисос, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғайра)
________________________________________________________________
________________________________________________________________

Роҳбари муассиса

________________ ________ ________________
(мансаби ишғолнамуда) (имзо) (насаб, ном, номи падар)

Сана «_____» ____________ соли 20___
Шинос шудам:
Аттестатсияшаванда _______________ __________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)

Сана «____» __________ соли 20___

**Замимаи 2**

**Ҷадвали**
**баҳодиҳии фаъолияти корманди соҳаи маориф**

Насаб, ном, номи падар___________________________________________________________
Вазифа____________________________________________________________
____________________________________________________________
Сана ва асоси таъин шудан ба вазифа________________________________
________________________________

| Р/т | Нишондодҳо | Баҳо | Эзоҳ: |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти соҳаи маорифро ба танзим медароранд ва риояи онҳо | | |
| 2. | Татбиқи донишу таҷриба дар вазифаи ишғолнамуда, қобилияти ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ (маърӯза дар конфронсу семинарҳо, мақолаҳои методӣ, иштироки шогирдон дар олимпиадаҳо) | | |
| 3. | Иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ (пуррагӣ ва сифатнокии натиҷаи кори корманд, дараҷаи интизомнокӣ) | | |
| 4. | Худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияи компютерӣ ва иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ | | |
| 5. | Дигар хусусиятҳои инфиродии корманд (донистани забонҳои хориҷӣ, такмили ихтисос, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғайра) | | |
| 6. | Баҳои умумӣ | | |

Аъзои комиссияи аттестатсионӣ_____________ ____________________
(имзо) (насаб, ном, номи падар)

Сана «____» ________ соли 20___

**Замимаи 3**

## ВАРАҚАИ АТТЕСТАТСИОНӢ

______________________________________________________________________

(насаб, ном, номи падари аттестатсияшаванда)

______________________________________________________________________

(мансаби ишголнамуда ва ҷойи кор)

______________________________________________________________________

Дар вазифа аз______________________________________________ кор мекунад

(рӯз, моҳ, сол)

Собиқаи умумии меҳнатӣ___________собиқаи омӯзгорӣ_______________________

Таҳсилот_______________________________________________________________

(кай ва кадом муассисаи таълимиро хатм кард, ихтисос)

______________________________________________________________________

Санаи бори охир гузаштан аз аттестатсия ва хулосаи комиссияи аттестасионӣ_________________________________________________________

______________________________________________________________________

Ҷазои интизомӣ__________________________________________________________

(намуди ҷазо, кай ва аз тарафи кӣ дода шудааст)

Бо аттестатсияшаванда дар шакли саволу ҷавоб оид ба масъалаҳои зерин суҳбат доир гардид:

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

## НАТИҶАИ АТТЕСТАТСИЯИ КОРМАНДИ СОҲАИ МАОРИФ

Баҳои умумии фаъолияти омӯзгории корманди соҳаи маориф

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

Хулосаи комиссияи аттестатсионӣ__________________________________________

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

Тавсияи комиссияи аттестатсионӣ __________________________________________

______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

Раиси комиссияи аттестатсионӣ ___________________________
Котиби комиссияи аттестатсионӣ ___________________________
Аъзои комиссияи аттестатсионӣ ___________________________

___________________________
___________________________
___________________________
___________________________
___________________________
___________________________

(имзо, насаб, ном, номи падар)

Санаи баргузории аттестатсия «____» __________ соли 20____

Шинос шудам ____________________________________________________

(розӣ ҳастам, розӣ нестам, сабабҳои розӣ набудан)

______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

__________ (имзо) ______________________________ (насаб, ном, номи падари аттестатсияшаванда)

«____» ___________ соли 20____

**Замимаи 4**

**П Р О Т О К О Л И №____**

комиссияи аттестатсионии__________________________________________________________________________________________

(номи муассисаи давлатӣ)

аз «____» ________________ соли 20____ шаҳри/ ноҳияи______________________

**ҲАЙАТИ КОМИССИЯИ АТТЕСТАТСИОНӢ**

Иштирок карданд:

Иштирок накарданд:

**ДАР АТТЕСТАТСИЯ ИШТИРОК КАРДАНД:**

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

Баррасии натиҷаи аттестатсия дар __________________________________________

(номи муассиса пурра нишон дода шавад)

Шунида шуд:

Баромад карданд:

Бо дарназардошти гузориш ва баромадҳои аъзои комиссия, таклифҳои пешниҳодгардида ва муҳимияти онҳо комиссияи

аттестатсионии________________________________________________________________

_________________________________________________________________________________

(номи муассиса пурра нишон дода шавад)

қарор кард:

**ҚАРОРИ КОМИССИЯ:**

| № | Насаб, ном, номи падари аттестатсия-шаванда | Мансаби ишғолнамуда | Баҳои миёнаи умумӣ | Хулосаи комиссияи аттестатсионӣ | Тавсияи комиссияи аттестатсионӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |
| | | | | | | |
| | | | | | | |

Раиси комиссия ______________________________

Котиби комиссия ______________________________

Аъзои комисия ______________________________

______________________________

______________________________

______________________________

______________________________

______________________________

______________________________

(имзо, насаб, ном, номи падар)

**Банди 5.1.1.8**

Бо мақсади мутобиққунонии мазмун ва тартиби аттестатсияи кадрҳо ва вазифаҳои нав дар низоми маориф соли 2017 бо қарори ҲҶТ азх 27.05.2017, №281 «Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардид.